***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «*Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ*» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ***

Ҳаким Абумуъиниддин Носир ибни Хусрав ибни Ҳориси Қубодиёнӣ (Марвазӣ) аз шоирон ва донишмандони бузургу тавонои тоҷик, олими мутабаҳҳир, мутафаккир ва шахсияти маъруфи диниву мазҳабӣ дар асри XI мебошад. Ҳарчанд рӯзгори ноороми пур аз саргардониву мусофиратҳо ва маҳрумияту нобасомониҳо гузаронидааст, тавонистааст, ки осори ғанӣ ва гаронбаҳое аз худ ба ёдгор гузорад. Осори ӯро девони ашъор, маснавиҳои «Саодатнома» ва «Рӯшноинома», «Зод-ул-мусофирин», «Хон-ул-ихвон», «Ваҷҳи дин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Гушоишу раҳоиш», «Бӯстон-ул-укул», «Далел-ул-мутаҳайййирин», «Рисола»-е ба наср дар ҷавоби 91 суоли фалсафӣ, мантиқӣ, табиӣ, наҳвӣ, динӣ ва таъвилӣ ва «Сафарнома» ташкил медиҳанд, ки дар онҳо муҳимтарин андешаву афкори адабиву зебоишиносӣ, ахлоқиву танқидӣ, фалсафию динӣ ва иҷтимоию сиёсии адиб ифода ёфтаанд.

Аз ин миён «Сафарнома» бо хусусиятҳои хеш арзиши илмӣ ва адабии баландро доро мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқ доир ба хусусиятҳои услубию бадеӣ, накди матни омавии «Сафарнома», мазмун, мундариҷа, сабк ва дигар паҳлуҳои ин асар дар илми адабиётшиносӣ амрест зарурӣ.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, дар он аҳаммияти мавзуи тадқиқӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навоварии илмӣ, асоснокии назариявӣ ва методологӣ ва аҳаммияти назарии рисола ошкор карда мешавад; муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда ташаккул ёфта, саҳми шахсии муаллиф ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Боби аввали** диссертатсия **«Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** ном дошта, фасли якуми ин боб **«Жанри сафарнома: бадеият ва публитсистика»** унвон гирифтааст. Диссертант доир ба мансубияти жанрии асари мазкур доманаи баҳс густарда, қайд кардааст, ки сафарномаҳо аз лиҳози сохтор ва мазмун унсурҳои шаклҳои гуногуни очерк, ривоят, нома, ҳикоя ва ғайраро муттаҳид карда метавонанд. Ин жанр бештар ба мавқеи ҷаҳонбинии муаллиф ва интихоби маводи сайёҳӣ

вобастагӣ дошта, дар он асоси тафаккури муаллиф ба маърази тамошо гузошта мешавад.

**Фасли дувуми боби аввал «Нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** ном дорад. Диссертант дар ин фасл доир ба нусхаҳои мавҷудаи «Сафарнома» баҳс кардааст. Аз мутолиаи ин бахш маълум мегардад, ки диссертант аз уҳдаи истифода аз марҷаъро ба хубӣ баромадааст.

**Фасли сеюми** боби мазкур **«Нусхаҳои чопи оммавии асар»** ном дошта, дар он асосан аз рӯйи ду нашр (нашри солҳои 1970 ва 2003) баррасӣ гардида, дар бахши мазкур назари интиқодии хешро низ баён намудааст, ки дараҷаи огоҳии диссертантро бозгӯ менамояд.

**Боби дувуми** диссертатсия бо унвони **«Сохтор, бандубаст ва вижагиҳои муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** аз ду фасл иборат буда, фасли аввали он **«Мавзуъ ва мундариҷа»** ном дошта, дар он диссертант доир ба мавзуъ ва мундариҷаи «Сафарнома» аз баррасиҳои гуногуне ҷиҳати муаррифии расму анъана ва вижагиҳои хоси қавмҳо, аз хӯрдану пӯшидан то дарку шинохти ашё бо дарназардошти сатҳи тафаккури мусаннифи асар сухан рафта, дар ин росто комёбии адибро нишон дода, бо намунаҳо ва зикри шавоҳид андешаи хешро тақвият бахшидааст.

**Фасли дувуми боби дувум «Воқеъияти бадеӣ дар асар»** ном дорад. Самиев Ҷ.С. дар фасли мазкур оид ба замони «Сафарнома», сафари ҳафтсолаи адиб, тарзи зист, анъана ва расмҳои ойинҳои ақвоми гуногуни бадавӣ ва ғайри он нақлҳои воқеӣ нигоштани донишманд баҳс намуда, аз дидгоҳи таърих, ҷомеашиносӣ ва қабл аз ҳама, мардумшиносӣ аҳаммияти илмӣ доштани асари мавриди назарро ба риштаи тасвир кашидааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии «Сафарнома»«** номгузорӣ шуда, фасли аввали он **«Нақши муаллиф дар асар»** мебошад. Дар бахши мазкур диссертант доир ба нақш ва ҷойгоҳи муаллиф баҳси муфассалеро домангирӣ намуда, аз уҳдаи он ба хубӣ баромадааст.

**Фасли дувуми боби сеюм «Истифодаии санъатҳои бадеӣ»** унвон дошта, диссертант дар ин бахш корбурди санъатҳои бадеӣ дар асари мавриди назарро таҳқиқ кардааст. Аз андешаҳои дар ин фасл баёншуда бармеояд, ки дар асар истилоҳоти соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, аз ҷумла «динор», «ратл», «султон» ва «амир» низ ба назар мерасанд.

**Фасли сеюми боби сеюм «Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ»** номгузорӣ шудааст. Аҳаммияти ин фасли диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки аз як

тараф, ҳунари чеҳранигории Носири Хусрав ошкор карда шавад, аз ҷониби дигар нақшу мақоми чеҳраҳои воқеӣ ва фарҳангӣ дар давраи муайяни таърихӣ собит мегардад.

Дар хулосаи автореферат ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқи Самиев Ҷ.С. дар 11 банд баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Самиев Ҷ.С. дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд овардааст ва барои эътимод бахшидан ба андешаҳои хеш ба осори таълифшудаи асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии адабиётшиносии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намуда, гоҳо ба андешаҳои онҳо ба назари интиқод нигаристааст.

Нуктаи муҳим ин аст, ки ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода бурдааст.

Автореферат бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Самиев Ҷумахон Саймуродович ба хотири аниқу амиқ дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи гузошташуда, доир ба ҳар фасл муқаддима ва дар охир бо хулосаи хеле муъҷази илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Дар автореферати мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба пиндори банда, ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни автореферати кор хоҳад гардид.

1. Дар фасли дуюми боби дувум, ки «Воқеияти бадеӣ дар асар» унвонгузорӣ гардидааст, ба ҷойи «фасли дуюм» «фасли сеюм» омадааст.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 4, 7, 11, 18) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати фишурда таъсир намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 8 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и носири

Хусрави Қубодиёнӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими
забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаффорзода Ш.Ҳ.

«10» декабри соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А.И. Сино,
бинои 136/7, хонаи 56.
Тел.: (+992) 93-533-29-93.
E-mail: shokhrukh.habibi@mail.ru

Имзои Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибуллоро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«10» декабри соли 2024.